**№2633/8.1 д аз 14.03.2014**

**Мақомоти ҳудудии андоз**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки санаи 3 марти соли 2014 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №155 «Дар бораи Тартиби аз ҳисоб баровардани қарзҳои беэътимод аз рӯи андозҳо, ҷаримаҳо ва фоизҳо» қабул карда шудааст.

Тибқи муқаррароти банди 2-и қарори мазкур, бақияпулиҳои андози андозсупорандагон, ки то 1 январи соли 2009 ба вуҷуд омада, то ҳол пардохт нагардидаанд ва ҷаримаю фоизҳое, ки барои сари вақт напардохтани ин андозҳо то лаҳзаи аз эътибор соқит намудан ҳисоб карда шудаанд, беэътимод дониста шуда, аз эътибор соқит карда мешаванд.

Инчунин, мутобиқи талаботи қисми 3 ҳамин қарор, Кумитаи андоз вазифадор карда шудааст, ки дар мӯҳлати 3 моҳ аз рӯзи қабули қарори мазкур оиди муайян намудани бақияпулиҳои андози андозсупорандагон, ки ба муқаррароти дар боло зикргардида мувофиқ мебошанд, чораҷӯи намояд.

Бо мақсади таъмини иҷроиши муқарраороти мазкур бо фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 13 марти соли 2014 №79 дар Кумитаи андоз комиссия таъсис дода шудааст, ки вазифаи он муайян намудани дурустии маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти ҳудудии андоз оид ба қарзи андози беэътимод, иборат мебошад.

Бо назардошти ин, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки ба Комиссияи мазкур ҳуҷҷатҳои зеринро дар мӯҳлатҳои тибқи фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 13 марти соли 2014 №79 муқарраргардида, пешниҳод намоянд:

1. Руйхати бақияпулиҳои андози андозсупорандагон, ки то 1 январи соли 2009 ба вуҷуд омада, то ҳол пардохт нагардидаанд ва ҷаримаю фоизҳое, ки барои напардохтани ин андозҳо ҳисоб карда шудаанд. (тибқи замимаи №1).

Дар рӯйхати мазкур маблағи бақияи қарзи андози то 1 январи соли 2009 ба вуҷуд омадаи андозсупорандагон, бе назардошти маблағи дар моҳи декабр ва ё семоҳаи чоруми соли 2008 ҳисобгардида бояд нишон дода шавад.

2. Аризаи андозсупорандагон оид ба беэътимод донистан ва аз эътибор соқит намудани бақияпулиҳои андоз (тибқи замимаи №2).

Дар ҳолати фавтидан, бедарак ғоиб будан ё ғайри қобили амал будани шахси масъули андозсупоранда ва ё бо дигар сабаб дарёфт нагардидани он, мақомоти андози маҳалли қайди андозсупоранда ӯҳдадор аст, ки маводҳоро мустақилона омода намуда, ба Комиссия пешниҳод намояд. Дар ҳолати мавҷуд набудани аризаи хаттии андозсупоранда, ки қарзи андози он бояд беэътимод доништа шавад, мақомоти андоз дар хулосаи худ дар ин хусус қайд дохил менамояд.

3. Хулосаи мақомоти андози маҳалли қайди андозсупоранда дар хусуси беэътимод будани маблағи бақияи қарзи андоз (тибқи замимаи №3).

4. Санади муқоисавӣ байни мақомоти андоз ва андозсупоранда оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои андоз барои солҳои 2008, 2009, 2010, 2011, 2012, 2013 ва ду моҳи соли 2014.

Ҳангоми омода намудани маълумотҳо оиди маблағи бақияи қарзи андозҳои беэътимод, ки тибқи талаботи моддаи 66 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳлати даъвои он гузаштааст ҳатман талаботҳои банди 10-и Тартиби аз ҳисоб баровардани қарзҳои беэътимод аз рӯи андозҳо, ҷаримаҳо ва фоизҳо, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014 №155 тасдиқ карда шудааст ва моддаи 71 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба инобат гирифта шавад.

Мутобиқи муқаррароти банди 10-и Тартиби аз ҳисоб баровардани қарзҳои беэътимод аз рӯи андозҳо, ҷаримаҳо ва фоизҳо, қарзҳо аз рӯи андози иҷтимоӣ дар ҳолати гузаштани мӯҳлати даъво беэътимод дониста намешавад.

Тибқи муқаррароти моддаи 71 Кодекси андоз маблағи пардохтнамудаи андозсупоранда дар навбати аввал барои пӯшонидани фоизҳои ҳисобшуда, баъдан ҷаримаҳои ҳисобшуда ва дар охир маблағи андозҳои ҳисобшуда равона мегардад.

Ҳамзамон, маблағи пардохтнамудаи андозсупоранда пеш аз ҳама барои рӯйпуш намудани ӯҳдадориҳои андози солҳои гузашта, яъне барои рӯйпуш намудани қарзҳои андози нисбатан барвақттар ба вуҷуд омада оғоз гардида, баъдан барои рӯйпуш намудани қарзҳои андоз нисбатан дертар ба вуҷуд омада равона карда мешавад.

Маблағи боқимонда барои рӯйпуш намудани андозҳои ҷории ҳисобшуда пардохт карда мешавад.

Мавриди қайд аст, ки муқаррароти мазкур аз 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор гирифтааст.

*Мисол, бақияи қарзи андозҳои ҶДММ «Анор» ба ҳолати 1 январи соли 2009 маблағи 18500 сомониро ташкил намуда, бо назардошти ҳисоб*

*гаридани ҷаримаю фоизҳо бақияи қарзи андози он ба ҳолати 1 марти соли 2014 маблағи 46 513 сомониро ташкил намудааст.*

*Андозсупоранда андозҳои ҷории дар давоми солҳои 2009, 2010, 2011, 2012, 2013 ва 2 моҳи соли 2014 ҳисобшудаашро пурра ба буҷет пардохт намудааст.*

*Маблағи аз 1 январи соли 2013 то 1 марти соли 2014 пардохтнамудаи андозсупоранда 20 000 сомониро ташкил менамояд.*

*Хулоса, бо назардошти аз 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор гирифтани тартиби нави пӯшонидани ӯҳдадории андоз, маблағи бақияпулии андози то 1 январи соли 2009 ба вуҷуд омада, ки то ҳол пардохт нагардидааст бо назардошти ҷарима ва фоизҳои ҳисобшуда 26 513 сомониро ташкил менамояд (маблағи қарз ба 01.02.2014 – маблағи дар давраи аз 01.01.2013 то 01.02.2014 пардохтгардида = маблағи қарзи беэътимод).*

Мактуби дастурии мазкур бо мақсади иҷроиши танҳо бандҳои 2 ва 3-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби аз ҳисоб баровардани қарзҳои беэътимод аз рӯи андозҳо, ҷаримаҳо ва фоизҳо» аз 3 марти соли 2014 №155 омода карда шудааст ва оид ба тартиби татбиқи муқарраротҳои Тартиби аз ҳисоб баровардани қарзҳои беэътимод аз рӯи андозҳо, ҷаримаҳо ва фоизҳо, ки тибқи қарори мазкур тасдиқ карда шудааст, мактуби дастурии алоҳида пешниҳод карда мешавад.

*Замима:* намунаҳои аризаи андозсупоранда, руйхати қарзҳои андози беэътимод ва хулосаи нозироти андоз.

**Раис** **Давлатзода Н. М.**